# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик). – Бохтар, 2025. – 175 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсияи Турахонов С.А. як зумра масоили ба мавзуъ алоқаманд, аз қабили зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Аброр Зоҳир, марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии ӯ, мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии адиб, мазмуну муҳтавои романҳои таърихии ӯ ва бозтоби шахсиятҳои таърихӣ дар ин осор, инчунин вижагиҳои сабкӣ ва мухтассоти забонии романҳои таърихии нависанда мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Аброр Зоҳир аз зумраи адибони сермаҳсули адабиёти даврони соҳибистиқлолии тоҷик буда, бо вуҷуди умри кутоҳ як силсила осори марғуби мансуру манзум ба ёдгор гузошта, ӯро дар канори адибони номвари даврони нав қарор медиҳанд. Дар диссертатсия зикр гардидааст, мавсуф «муаллифи 28 роман, 17 повест, 4 гротеск, 2 очерк, 5 ҳикоя, 3 маҷмуаи назму насри бачагона, 1 маҷмуаи афкори пандуандарзии банашррасида, ҳамчунин зиёда аз 10 филмнома мебошад» (диссертатсия, с. 19). Тавре арқоми дар боло овардашуда шаҳодат медиҳанд, ҳам муҳаббату садоқат ба адабиёти бадеӣ ва ҳам ҷуръату ҷасорат ва азхудгузаштанӣ сабаб гардидаанд, ки Аброр Зоҳир дар як фурсати кутоҳи эҷодӣ ба навиштани ин қадар осори арзишманди бадеӣ муваффақ бигардад. Фаъолияти эҷодии Аброр Зоҳир танҳо бо навиштани осори мансури адабӣ маҳдуд нагардида, инчунин ӯ филмноманавису мунаққиди адабиёт ва санъат, рӯзноманигору шоири бачагон низ ба шумор меравад ва дар ин соҳаҳо низ комёбиву муваффақият ҳамсафари доимии ӯ дар роҳи эҷод буд. Боиси таассуф аст, ки бо ин қадар фаъолияти густардаи адабиву фарҳангӣ доштани Аброр Зоҳир то

ба ҳол ҳаёту фаъолияти эҷодии ӯ мавриди таҳлилу баррасии ҷиддии адабиётшиносӣ қарор нагирифта буд. Дуруст аст, ки баъзе паҳлуҳои эҷодиёти Аброр Зоҳир то андозае диққати муҳаққиқони ватаниро то андозае ба худ ҷалб кардаанд, вале, бо вуҷуди ин, эҷодиёти ӯ ба таври муфассалу мукаммал таҳқиқ нагардида буд. Бо дарназардошти ҳамин нуктае, ки гуфта шуд, метавон кори Турахонов Салоҳиддинро бо дилпурӣ иқдоми дилписанд ва мубраму зарурӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик ҳисобид.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар диссертатсияи Турахонов С.А. нахустин маротиба сохтори ҳунарӣ ва мундариҷаи ғоявии ду романи таърихии Аброр Зоҳир – «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумлаи навгониҳои диссертатсия муаррифии илмии мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии Аброр Зоҳир, таҳқиқи тарзи тасвири чеҳраҳои таърихӣ дар романҳои мазкур ва мувофиқати он бо воқеияти маълум, сабки баён ва мухтассоти забонии романҳо ва шеваи корбурди амсолу ҳикам ва ашъори шоирон дар онҳо мебошанд.

Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмии онро инъикос менамоянд, фарогири ин нуктаҳоянд, ки Аброр Зоҳир бо вуҷуди кутоҳии умр асарҳои зиёду арзишманде таълиф намуда, тавассути онҳо номи худро дар саҳифаи китоби адабиёти миллӣ бо хатти хонову равшан сабт кардааст. Дар миёни ин осор романҳои таърихии ӯ мақоми хосса ва чашмрас доранд. Аз муҳимтарин вижагии романҳои таърихии Аброр Зоҳир на танҳо бозтоби лаҳзаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик аст, балки баёни ин воқеаҳо бештар ба хотир боло бурдани ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, арҷгузорӣ ба шахсиятҳои бузурги таърихӣ, сабақ гирифтан аз воқеаҳои таърихӣ мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дар диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович ҳамаи хулосаву тавсияҳо бо асноду мадорики илмӣ асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бо таҳлилу баррасии амиқи назариявии мавзуи мавриди назар, нуктаҳои мушаххаси методологӣ ва маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ асос ёфта, ин хусусиятҳо ба пажӯҳиши вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир боис гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии

Аброр Зоҳир» аз муқаддима, се боб бо фарогирии 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва таълифоти илмии диссертант дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 175 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович мубрамии мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ ва робитаи он бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ баён гардидааст, инчунин мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда зикр гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ муайян шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Зиндагинома ва мероси адабии Аброр Зоҳир»** унвон дошта, аз 3 фасл иборат аст.

Фасли якуми ин боб бо унвони **«Зиндагиномаи Аброр Зоҳир»** фарогири шарҳи ҳоли адиб мебошад. Дар ин қисмати кор диссертант дар асоси асноду мадорики мавҷуд зиндагиномаи мухтасари Аброр Зоҳирро рӯйи коғаз овардааст.

Дар фасли дувуми боби мазкур, ки **«Мероси адабӣ ва тамоюлҳои эҷодии Аброр Зоҳир»** ном гирифтааст, осори мансур ва ҳам манзуми адиб ба таври мухтасар муаррифӣ гардидаанд. Дар ин қисмати кор муаллиф дар баробари муаррифии асарҳои Аброр Зоҳир мухтасар дар бораи муҳтавои ин асарҳо низ маълумот додааст. Зикр гардидааст, ки фаъолияти эҷодии Аброр Зоҳир танҳо бо навиштани асарҳои насрӣ маҳдуд нагардида, доманаи хеле васеътар дорад ва фаъолиятҳои эҷодиеро, амсоли филмноманависӣ, рӯзноманигорӣ, мунаққидӣ ва навиштани шеърҳои кӯдакона дар бар мегирад.

Фасли савуми боби аввал **«Накду баррасии осори Аброр Зоҳир»** унвон дошта, ба дараҷаи омӯзиши эҷодиёти адиб бахшида шудааст. Мувофиқи муҳтавои ин фасл, бо он ки то ба имрӯз зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Аброр Зоҳир ба таври ҷомеъ ва муфассалу мудаллал таҳқиқ нагардидааст, аз ҷониби адабиётшиносон паҳлуҳои алоҳидаи эҷодиёти ӯ мавриди накду баррасӣ қарор гирифтаанд. Азбаски қисмати ғании осори Аброр Зоҳирро романҳои ӯ ташкил медиҳанд, муҳаққиқонро низ бештар таҳлилу таҳқиқи романҳои ӯ ба худ машғул доштаанд. Тавре мушоҳида мешавад, диссертант осори илмиеро, ки бевосита ба эҷодиёти Аброр Зоҳир бахшида шудаанд ва ё дар онҳо зикре аз намунаҳои осори ӯ рафтааст, хеле хуб таҳлилу тасниф

намуда, арзиши ҳар яки онҳоро дар накду баррасии эҷодиёти адиб муайян карда тавонистааст.

**Боби дувуми** таҳқиқот **«Мушаххасоти насри таърихӣ дар эҷодиёти Аброр Зоҳир»** номгузорӣ шуда, фарогири се фасл аст.

Дар фасли аввал, ки **«Мавзуъ ва мундариҷаи романҳои таърихии Аброр Зоҳир»** унвон дорад, муаллиф мухтасар дар бораи мазмун ва муҳтавои романҳои таърихии Аброр Зоҳир - «Мунтасир», «Шикасти зулмот», «Арсаи набарди гургон», «Ёри ғор», «Муқовимат» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» маълумот додааст. Шарҳу басти мундариҷаи ғоявии ин осор аз ҷониби диссертант бо равиши илмӣ сурат гирифта, ӯ моҳият ва арзиши адабиву ахлоқии ин асарҳоро дурусту саҳеҳ арзёбӣ намудааст.

Фасли дувуми ин боб **«Инъикоси чеҳраҳои таърихӣ дар романи «Мунтасир»** ном дошта, ба таҳлилу баррасии бозтоби шахсиятҳои таърихии романи «Мунтасир» бахшида шудааст. Тавре диссертант қайд кардааст: «Дар ин роман персонажҳое иштирок доранд, ки аксари онҳо ба воқеаҳои таърихӣ иртибот дошта, теъдоди камашон натиҷаи тахайюли нависанда мебошанд» (диссертатсия, саҳ.49). Аз ҷумлаи шахсиятҳои таърихии ин роман қаҳрамони марказии он Абуиброҳими Исмоил – охирин намояндаи сулолаи Сомониён аст, ки бо лақаби Мунтасир шуҳрат дорад ва диссертант низ зимни таҳлилу баррасии персонажҳои роман ба шахсияти ин қаҳрамон диққати бештар додааст. Муаллифи диссертатсия хуб дарёфтааст, ки ҳадафи нависанда аз таълифи ин асар танҳо бозтоби як давраи муайяни таърихӣ нест, балки ба ёди хонанда овардани сабақи таърихист, ки ба худогоҳиву худшиносӣ ва ҳисси ватандӯстии хонанда таъсиргузор аст.

**«Тасвири симоҳои адабию таърихӣ дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ»** унвони фасли сеюми боби дуюм аст. Дар ин қисмати кор муҳаққиқи ҷавон ба таҳқиқу баррасии симоҳои адабию таърихии романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» пардохтааст, ки дар садри онҳо Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ қарор дорад. Ба қавли диссертант, «шахсияти ӯ дар ин роман ҳамчун донишвар, ҳаким, фақеҳ ва ҳатто мушовири умури сиёсӣ тасвир ёфтааст» (диссертатсия, саҳ. 107).

Дар маҷмуъ, муаллифи диссертатсия дар ин боби кори худ тавонистааст, ки масоили гуногунеро, амсоли мувофиқати шахсиятҳо ва рӯйдодҳои таърихӣ бо мундариҷаи романҳои нависанда, тарзи тасвири бадеии воқеаҳои

таърихӣ, арзиши бадеию илмӣ ва ахлоқии романҳои таърихии Аброр Зоҳир бо усулҳои роиҷи адабиётшиносӣ таҳлилу баррасӣ намояд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Вижагиҳои сабкии романҳои таърихии Аброр Зоҳир»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст.

**Дар фасли аввали ин боб** диссертант натиҷаи таҳқиқи худро аз сабки баён ва мухтассоти забонии романҳои таърихии нависанда рӯйи коғаз овардааст. Ӯ мувофиқати забон ва тарзи баёни нависандаро бо забони адабӣ тасдиқ намуда, ҳамзамон мавридҳои гуногуни истифодаи калимаву ифодаҳои кӯчабозорӣ ва сабаби корбурди ин аносири лаҳҷавиро дар романҳои таърихии Аброр Зоҳир муфассалу мудаллал ва илман асоснок баён кардааст.

**Фасли дуюми** ин боб **«Истифодаи шеър дар романҳои «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ»** унвон дорад. Диссертант муайян намудааст, ки Аброр Зоҳир дар романи аввал 41 ва дар романи дуюм 285 байт шеърро мувофиқ ба мавзуъ ва мундариҷаи асарҳо мавриди корбурд қарор додааст, ки ин порчаҳои шеърӣ ба намояндагони гуногуни адабиёти классикӣ тааллуқ доранд. Диссертант дар баробари зикри истифодаи баҷои аксари абёт ба шакли нодуруст омадани баъзе аз онҳоро низ баён кардааст, ки ин иқдом аз шеваи дурусти илмиро пайгирӣ кардани диссертант гувоҳӣ медиҳад.

**Дар фасли охири** боби савуми диссертатсия шеваҳои корбурди зарбулмасалу мақол дар романҳои таърихии Аброр Зоҳир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диссертант натиҷаи пажӯҳиши худро аз масъала чунин натиҷагирӣ кардааст, ки «нависанда дар романи «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» дар баробари калимаҳои шевагӣ, ҳамчунин зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи халқиро низ фаровон кор фармудааст, ки дар таъмини ҷаззобияти каломи шоир асари матлуб гузоштаанд» (диссертатсия, саҳ. 155).

**Хулосаи диссертатсияи** Турахонов С.А., ки аз 12 банд иборат аст, фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар охири ҳар банд истиноди зарурӣ ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Инчунин диссертант тавсияҳои худро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 банд пешниҳод кардааст.

Рисола бо забони шевову равони тоҷикӣ ва сабки хуби илмӣ навишта шуда, ҷамъбасту хулосаҳои баровардашуда эътимоднок мебошанд. Инчунин тавсияҳои диссертант оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия дурусту саҳеҳанд.

Дар маҷмуъ, Турахонов С. дар се боби диссертатсия ба ҳалли муваффақонаи масъалаи ба ӯ вогузоршуда ноил гардида, аз уҳдаи иҷрои мақсад ва вазифаҳои дарпешгузоштаи худ ба хубӣ баромадааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки аз маводи диссертатсия метавон ҳангоми таҳия ва таълифи бахше аз китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷик, навиштани диссертатсияҳои номзадиву докторӣ ва рисолаҳои магистриву бакалаврӣ истифода бурд. Диссертатсия дар густариши масъалаҳои иҷтимоӣ, ки адабиётшиносӣ ҷузъе аз иҷтимоиёт аст, саҳми назаррас дорад.

Турахонов Салоҳиддин барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чаҳор банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида моҳияти бобу фаслҳоро ифода кардаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 11 мақолаи муаллиф, ки 6-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

Дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоию грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллифи диссертатсия дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» аз ҳама осоре, ки дар онҳо оид ба Аброри Зоҳир ва эҷодиёти ӯ сухан меравад, ёд намудааст. Мутаассифона, зимни тавсифи мухтасари ин асарҳо танҳо ба муаррифии се асари номбаршуда иктифо карда, ба шарҳу тавзеҳи мухтасари дарунмояи дигар асарҳо напардохтааст.

2. Дар фасли сеюми боби аввал, ки «Нақду баррасии осори Аброр Зоҳир» унвон дорад, аслан, дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзуъ сухан меравад. Хуб мебуд, ки муҳтавои фасли мазкур ба таври мушаххастар дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ»-и муқаддимаи диссертатсия оварда мешуд. Дар ин сурат қисмати мазкури диссертатсия пурбор мегардид ва ҳам имкони муфассалтар таҳлилу баррасӣ намудани мероси адабии нависанда даст медод.

3. Як норасоиии умумие, ки на танҳо ба диссертатсияи мавриди назар, балки ба кори аксари муҳаққиқони ҷавон хос аст, хусусияти тавсифӣ

доштани онҳост. Хуб аст, ки дар ҷо-ҷои диссертатсия назари интиқодии диссертант ба баъзе қисматҳои осори нависанда мушоҳида мешавад. Вале ин афкори интиқодӣ хеле кам буда, вижагии тавсифӣ доштани диссертатсияро аз байн бурда наметавонанд.

4. Дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия мушаххасбаёнӣ, ки яке аз вижагиҳои услуби илмӣ аст, риоя нагардидааст. Ин ҳолат бештар дар мавридҳое воқеъ мегардад, ки диссертант оид ба шахсиятҳои таърихии романҳои нависанда муфассалтар маълумот додан мехоҳад. Барои мисол, дар фаслҳои дуюм ва сеюми боби дуюм, ки ба таҳлилу баррасии чеҳраҳои адабию таърихии романҳои «Мунтасир» ва «Ҷилои ҷоми Ҷомӣ» бахшида шудаанд, ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад.

5. Бо он ки диссертант зимни мураттаб намудани номгӯи адабиёти истифодашуда ба тартиби алифбоӣ риоя кардааст, на ҳама вақт ба тартиби хронологии асарҳо диққат додааст. Барои мисол, аз адабиёти рақами 78 то 82, дар маҷмуъ 5 асар, ба қалами Алишер Идизода тааллуқ доранд, ки соли нашри мақолаи охирин 2004 буда, санаи ба нашр расидани мақолаи дар аввал овардашуда 2009 мебошад. Ҳамин ҳолат дар номгӯи асарҳои Раҳими Мусулмониён (адабиёти №95 то №98), Абдуманнони Насриддин (адабиёти №109, №110) ва баъзе адабиёти дигар низ мушоҳида мешавад.

6. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия (с. 9, 16, 21, 32, 46, 71, 94, 121 ва ғайра) ғалатҳои имлоиву китобат ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар манфиати кор аст.

Камбуду норасоиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро намекоҳанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

Автореферати диссертатсия мувофиқ ба меъёрҳои муайянгардида таҳия шуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар сатҳи зарурии илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сироҷиддини Эмомалӣ
5-уми феврали соли 2026.

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Фирдавсӣ, 54.
Телефон: (+992) 907-65-38-38.
E-mail: sirojiddin1975@mail.ru

Имзои Сироҷиддини Эмомалиро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
5-уми феврали соли 2026.